«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т., профессор
_____ Назарзода Х.Х.
«___» _____ соли 2026

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи "Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия, (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.

1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи "Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия, 6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз барои ҳимоя пешниҳод шудааст, тибқи Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳия гардида, ба бандҳои 2.13. Ташаккули хизматрасониҳои давлатӣ; 5.6. Проблемаҳо ва дурнамои арзёбии сармояи зеҳнӣ; 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ; 8.4. Механизми гардиши пули нақдӣ ва ғайринақдӣ; 8.8. Ташкили низоми самараноки пардохтӣ ва афзорҳои ҳаллу фасли буҳрони пардохтӣ; 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ; 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ; 10.22. Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ;

ва 11.8. Таҳқиқи таъсири танзими пулию қарзӣ ба равандҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар иқтисодиёти шиносномаи ихтисоси мазкур мувофиқат мекунад.

2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равандҳои ҷаҳонишавӣ дар марҳалаи нави рушд ва бознигарӣ ба пешрафтҳои устувор қарор дошта, пайгири тамоюлҳои ба ояндаи рушд нигаронидашуда мебошад, ки онҳо бо техникаву технологияҳои муосир асос ёфтаанд. Таъсири таконҳои молиявӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ то як андоза низоми молиявии кишварро хатарафзо намуда, як қатор мушкилоти молиявӣ ва сохториро ба миён овард. Мушкилоти низоми бонкии кишвар дар чанд соли охир ва зарурати ҷиддии давлат барои гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ боис гардид, ки дар ин самт аз тарафи роҳбари давлат ва дигар сохтору мақомоти дахлдор чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Зеро роҳи ягонаи аз байн бурдани буҳрони бонкӣ дар солҳои охир махсусан солҳои 2014-2019 ин гузариш ба низомҳои нав ва пешрафтаи электронии пардохтӣ ва маҷозӣ буд, ки ин хавфҳои низоми бонкиро аз вартаи осебпазирӣ берун намуд.

Дар мамлакат ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои ба рушд нигаронидашуда дар самти татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва ғайринақдикунонии тамоми амалиёт ва хизматрасониҳо ба аҳолӣ як қатор амалкардҳои институтсионалиро дар низоми бонкӣ ва татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ба воситаи он ба миён оварда. Ба ҳамин хотир дар кишвар Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳои 2021-2025, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” аз 1 августи соли 2023 қабул шудааст, ки тавассути онҳо рақамикунонии иқтисодиёт дар сатҳи зарурӣ татбиқ карда мешавад.

Дар Тоҷикистони дар ҳоли рушд қарордошта зарурати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар лаҳзаҳои кӯтоҳтарин тавассути низоми бонкӣ ягона

механизме мебошад, ки ба воситаи онҳо татбиқи рақамикунонӣ дар тамоми сохторҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ имконпазир мегардад. Аз ҳамин лиҳоз, дар шароити имрӯза татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар муҳити навовариҳо танҳо ба воситаи бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ки вазифаи асосии онҳо анҷоми амалиётҳо бидуни пули нақд мебошад, имконпазир мегардад.

Дар айни замон амалкардҳои институтсионалӣ вобаста ба талаботҳои рақамикунонӣ фаъолияти ташкилотҳои қарзиро ба як низоми воқеан нави пешрафта ва дорои хавфи пасту самаранокии баланд дар самти татбиқи иқтисодиёти рақамӣ расонида, мушкилоти қаблан вуҷуддошта ва дигар хавфҳои ба он алоқамандро комилан аз байн мебарад. Зеро ҷаҳони имрӯзаро ҷаҳони инноватсионӣ, печида, сунъӣ ва ҳушманд мегӯянд, ки дар он технологияҳои нави иттилотӣ, зеҳни сунъӣ, воситаҳои ҳушманд ва замимабарномаҳои электронӣ нақши асосӣ доранд.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шароити нави гузариш ба равандҳои ҷаҳонишавӣ дар заминаи техникаву технологияҳои муосир ва баланд бардоштани самараи иқтисодии давлат ва низоми бонкӣ бо истифода аз воситаҳои муосири электронии пардохт ва дар ин замина аз байн бурдани норасоиву камбудиҳои ҷойдошта ва хавфҳои мавҷудаю босамаргардонии тамоми амалиёту хизматрасониҳо мебошад, ки дар диссертатсия мукаммалан оварда шудаанд:

- вобаста ба зарурат ва баррасии масъала ҷанбаҳои назариявӣ ва методии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуда, роҳҳои бартарафсозии камбудиҳои ҷойдошта ва дар амалия ба таври сода ҷорӣ намудани амалиёт ва хизматрасониҳои муосири инноватсионии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти инноватсияҳои бонкӣ бо усул ва механизмҳои истифодаи имконпазир коркарду дарёфт гардида, роҳҳои дар амал истифодабарии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст;

- новобаста аз мавҷудияти як қатор нишондиҳандаҳо ва воситаҳои татбиққунандаи навовариҳои бонкӣ ва истифодаи амалии он дар кишвар, бо дарназардошти талаботи рӯзафзуни ҷомеа навовариҳои электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳлил ва баррасӣ гардида, шаклҳои воқеан такмилёфтаи инноватсияи бонкӣ ва дигар сохтору унсурҳои он пешниҳод гардидаанд;

- барои баҳогузории воқеӣ ба вазъи имрӯзаи навовариҳои бонкӣ, воситаҳои истифодашаванда ва дар амал татбиқ намудани ҷараёнҳои рақамикунонӣ як қатор нишондиҳандаҳои низоми бонкию иқтисодӣ таҳлил гардида, ҷиҳати расидагии дуруст ба ҷараёнҳои рақамикунонии иқтисодиёт ва дар маҷмуъ, амалиётҳо муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ ошкор гардида, як қатор нишондиҳандаҳо ва хулосаҳои мушаххас пешниҳод шудаанд;

- дар такя ба рушди чашмраси рақамикунонии иқтисодиёт ва гузариш ба ин ҷараёни мураккаб ва фоидаовар барои ҷомеа, ҳамчунин, шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ ва хатарафзо гардидани вазъи амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ як қатор коркардҳои ба ин масъала хос дар шакли диаграмма, ҷадвал ва расм пешниҳод ва хулосабарорӣ гардида, дар ҳошияи ҳадафҳои стратегии давлат роҳҳои дар амал татбиқ намудани рақамикунонии иқтисодиёт ва комилан электроникунонии амалиётҳои бонкӣ коркард гардида, мушкилот ва роҳҳои дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ дар самти рақамикунонӣ пешниҳод гардидаанд.

4. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд

Дар шароити имрӯза татбиқи рақамикунонии иқтисодиёт ва густариши бемайлони амалиётҳои электронии молиявию виртуалӣ ба он асос меёбад, ки нишондиҳандаҳо ва воситаву дастгоҳҳои истифодашавандаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намуда, роҳҳои дар амал истифодабарии онҳоро дар мушоҳидаю таҷрибаҳо, дарёфти дақиқи маълумотҳои воқеии

истифодашаванда, дар сатҳи зарурӣ баррасӣ ва ошкорсозии рақамикунонӣ ва амалиётҳои маҷозии электронӣ, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқ, дарёфт ва коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқу интишорот ва баромадҳои муаллиф дар конфронсу мизҳои мудаввари сатҳи гуногун дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ тасдиқ мегардад. Натиҷаҳои диссертатсияи мазкур метавонад ҳангоми таҳқиқотҳои илмӣ оид ба ташаккул ва инкишофи бозори хизматрасониҳои бонкӣ, амалиётҳои ҷудогонаи бонкӣ, истифодаи технологияи бонкӣ дар ҷараёни фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, рақамикунонии фаъолияти бонкҳо, баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва коркарди маҳсулотҳои нави бонкӣ мавриди истифода қарор гиранд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ ва илмӣ – назариявӣ, семинарҳои илмӣ ва конфронсияҳои байналмилалӣ таи солҳои 2019-2024 чоп шудаанд.

5. Сохтор, арзёбии моҳият ва сатҳи мукаммалии таҳқиқоти диссертатсионӣ

Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербор, хулоса, 18 расм, 9 ҷадвал, ва 11 диаграмма, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 134 номгӯй иборат буда, дар ҳаҷми 168 саҳифа таҳия шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия асосҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот таҳлилу баррасӣ гардида, саҳеҳӣ ва мукаммалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда илман асоснок гардидаанд. (4-16)

Дар боби якуми диссертатсия – “Асосҳои назариявӣ ва методологии навовариҳои низоми бонкӣ ҳамчун инструменти рақамикунонии иқтисодиёт” асосҳои назариявӣ ва методологии навовариҳои низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, хусусият ва вазифаҳои навовариҳои низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, асосҳои ҳуқуқии

рақамикунонии иқтисодиёт дар таҷрибаи бонкҳои хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, пешниҳодҳои мушаххас манзур карда шудааст. (16-58)

Муаллиф дар доираи таҳияи боби якум, махсус дар зербоби 1.1, ки Асосҳои назариявӣ ва методологии навоварии бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» номгузорӣ шудааст. Аз ҷониби муаллиф мафҳум, моҳияти иқтисодӣ ва мазмуни аслии навовариҳои бонкиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин бахш аз ҷониби муаллиф назарияҳо ва мактабҳои мухталифи илмӣ оид ба навовариҳои бонкӣ таҳқиқ шуда, унсурҳо ва ҷузъиёти асосии фарқкунандаи байни «навовариҳои бонкӣ» ва «инноватсия»-и бонкӣ мушаххас ва тавсиф карда шудаанд. (с.16-30)

Унвонҷӯ дар зербоби 1.2. хусусият ва вазифаҳои навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳқиқ кардааст. Вобаста ба баррасии равишҳои инноватсионӣ ва дар сатҳи зарурӣ баровардани хулосаҳои назаррас ба як қатор масъалаҳое аҳаммият додан зарур аст, ки онҳо ба шумораи мизоҷон ва истифодабарандагони ин хизматрасониҳо таъсир расонида метавонанд. Тақвияти бахши бонкӣ метавонад таъсири мусбати худро ба дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ расонад.

Барои боз ҳам тақвият бахшидани навовариҳо дар бахши бонкӣ муаллиф аз чораҳои зарурии зерин истифода намуданро ба мақсад мувофиқ дониста дар сатҳи бехатар ва самаранок афзоиш додани замимабарномаҳои электронии мобилӣ ва дар доираи ин баланд бардоштани имкониятҳои бефосилагии амалиёт ва хизматрасониҳо, ташкили платформаҳои махсуси давлатӣ ҷиҳати дар сатҳи мутамарказ анҷом додани тамоми амалиётҳо ва пардохтҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ташкили платформаҳои рақамӣ дар самти амалиётҳои электронӣ бо асъорҳои гуногуни хориҷӣ, ва истифодаи васеи пардохтҳо тавассути платформаҳои Apple Pay, Google Pay ва PayPal, дурусти истифодабарандаи маҳсулот ва хизматрасонии бонкӣ ва ғайраро таҳия ва пешниҳод кардааст. (30-43)

Диссертант раванди навовариҳо дар фаъолияти бонкӣ дар кишварҳои хориҷиро омӯхта, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. (44-58)

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ бошад вазъи идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил ва баҳодиҳии устуворӣ ва босуботии низоми бонкӣ дар шароити афзоиши таъсири хавфҳо, хавфҳои қарзӣ ва механизмҳои идоракунии онҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ, таҳлили алоқамандӣ ва бавуҷудоии занҷираи хавфҳо дар низоми бонкдории муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. (75-100)

Дар зербоби 2.1 боби дуюми диссертатсия, ки саҳифаҳои 57 то 76-ро фаро мегирад, диссертант таваҷҷуҳи аслии худро ба амалияи низоми бонкӣ дар шакли фаъолиятҳои алоҳидаи бонкӣ истифодаи инноватсия ва дар амал татбиқ намудани бартариятҳои мавҷудаи он боис мегардад, ки бонки тиҷоратӣ ва дигар ташкилоти қарзии ғайрибонкии дар бозори бонкӣ амалкунанда ба таври муваффақона фаъолияти худро пеш барад, додааст. Вобаста ба истифодабарӣ ва татбиқи инноватсия фаъолиятҳои амалӣ ва ислоҳоти сохторӣ муҳим мебошанд.

Дар доираи зербоби 2.2, ки аз саҳифаи 76 оғоз гардида то саҳифаи 88 давом мекунад, муаллиф таҳлил ва баҳодиҳии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиётро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Унвонҷӯ барои даст ёфтан ба дастовардҳои бонкӣ, ки мо онро метавонем ба таври доимӣ дар таҳқиқотҳои илмӣ пайгирӣ намоем ва он дар маркази таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар низ қарор дорад, дар сатҳи низоми бонкӣ ба вуҷуд овардани муҳити эътимод дар масоили мубрами истифодаи озод аз амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ ва ҳамзамон, ба ин ҷалби маблағҳои бекорхобидаи аҳолӣ барои ба гардиши бонкӣ ворид кардани онҳо пешниҳод намудааст.

Дар зербоби 2.3, ки саҳифаҳои 88 то 100-ро ташкил медиҳад, ба таҳқиқи муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ, бахшида шудааст. Диссертант қайд менамояд, ки дар айни замон яке аз масъалаҳои асосие, ки тавассути он сатҳи рақобатпазирии

бонкҳо баланд ва пардохтпазирии онҳо таъмин мегардад, дар фаъолияти худ истифодаи технологияҳои пешрафта мебошад, муайян карда шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия стратегияи рақамикунонии низоми бонкӣ дар шароити муосир, таъмини амнияти навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва роҳҳо ва афзорҳои татбиқи амалии рақамикунонии иқтисодиёт ва ғайринақдикунонии амалиётҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва арзёбӣ гардидааст. (с. 101-146)

Дар зербоби 3.1. унвонҷӯ стратегияи рақамикунонии низоми бонкӣ дар шароити муосир ва механизмҳои таъсиррасон ба он, заминаҳои нави рушди иқтисодӣ ва таъмини устувории он дар даврaҳои дарозмуддат нақши калидӣ ва ҳалкунанда доранд, мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Таҳқиқотчӣ бо такя ба дастовардҳои муосири рақамикунонӣ нишон медиҳад, ки чӣ тавр метавон тавассути татбиқи системаҳои автоматикунонидашудаи назорат ва блокчейн муҳити бонкиро аз таҳдидҳои технологию иттилоотӣ ҳифз намуд.

Аз ҷониби муаллиф як қатор пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ оид ба омилҳои ташаккул ва татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. (с. 103–114).

Дар зербоби 3.2 таъмини амнияти навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бахшида шудааст, ки диссертант дар ин зербоб ҷаҳонишавии мубодилаи иттилоот тавассути технологияҳои иттилоотӣ, зарурати таъмини амнияти иттилооти пардохтҳои электронӣ яке аз масъалаҳои асосиест, ки дар доираи он бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ корбарӣ намуда, чораҳои амниятиро дар ин самт пурзӯр менамоянд, мавриди омӯзиш қарор додааст (с. 114–127).

Дар зербоби 3.3 муаллифи таҳқиқот ба ташкил, татбиқ ва истифодаи ҳамаҷонибаи ҳисобдорӣ дар тамоми корхонаву муассисаҳои фаъолияти гуногундошта, ҳамкорӣ ва шарикӣ бо субъектҳои хоҷагидорӣ, аҳолӣ, сохторҳои дахлдори кишварҳои дигар, фарогирии молиявӣ, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар иқтисодиёт, таваҷҷуҳи асосӣ додааст. (с. 127–146).

Дар қисмати хулосаву пешниҳодот натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудаанд

(саҳ. 147-153).

6. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Дар арзёбӣ ва занҷираи баррасии мавзуи таҳқиқот ҳамчун натиҷаи қаблӣ ва ниҳоӣ як қатор марҳилаҳои зарурӣ ва асоснок, ба монанди баррасӣ ва таҳияи мавзуи илмӣ, ҷараёни асосноккунӣ ва баҳодиҳии дараҷаи мубрамияти мавзуи таҳқиқот, ошкорсозӣ ва мақсадгузорӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки бевоситаи муаллиф сурат гирифтааст. Илова бар ин, таҳқиқи таҷрибаи амалии кишвар дар самти гузариш ба хизматрасониҳои виртуалии бонкӣ, ки натиҷаи онҳо ба воситаи усулҳои оморӣ, экспертӣ ва аналитикӣ таҳқиқ ва пешниҳод гардидаанд, натиҷаҳои кори муаллиф мебошад.

7. Эрод ва баъзе тавсияҳо барои беҳтар гардидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Дар матни бобҳо ва зербобҳо ҳамаи мавзуъҳо ва масъалаҳое, ки ба такмили асосҳои назариявии таҳқиқи навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт алоқаманданд, номбар шудаанд. Дар баробари ин, ба ақидаи мо ба масъалаҳои дар зер овардашуда боз ҳам бештар диққат дода мешуд, мазмуни кор боз ҳам арзишманд мегардид:

1. Дар диссертатсия муаллиф дар ҷадвали № 1.1. тафсири мафҳуми навоварии бонкиро аз нуқтаи назари олимон омӯхта ва назари худро оид ба инноватсияи бонкӣ пешниҳод намудааст. Агар муаллиф фарқи байни мафҳуми навоварии бонкӣ ва инноватсияи бонкиро нишон медод, кор боз ҳам хубтар мешуд.

2. Муаллиф нишондиҳандаҳои низоми бонкиро ҷиҳати баҳогузорӣ ба рақамикунонӣ амиқ таҳлил намудааст, агар дар матни навгонӣ ин нишондиҳандаҳоро мушаххастар номбар мекард, арзиши амалии натиҷаҳо боз ҳам фузунтар мегардид.

3. Дар кор роҳҳои татбиқи стратегияҳои соҳавӣ коркард ва хулосабарорӣ шудааст, агар ба ҷойи зикри ҷадвалу расмҳо мустақиман мазмуни коркардҳои муаллиф дар шакли модел ё алгоритм ироа мегардид, навгонии илмӣ возеҳтар мегашт.

4. Зербоби 1.3. ба раванди навовариҳо дар фаъолияти бонкӣ дар кишварҳои хориҷӣ бахшида навовариҳо дар ду кишвари Осиёи марказӣ ва Федератсияи Россия омӯхта шудааст. Агар дар ин зербоб муаллиф навовариҳои бонкиро дар мисоли як кишвари давлатҳои Аврупо, Амрико ва ИДМ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор медод ва он нисбат Ҷумҳурии

Тоҷикистон баҳо дода мешуд, сифати диссертатсия бозҳам хубтару беҳтар мешуд.

5. Боби сеюми диссертатсия дурнамоии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ карда шудааст. Агар дар шакли ҷадвал ва ё диаграмма дурнамои навовариҳои бонкӣ дар солҳои 2027-2030 ояндабинӣ карда мешуд, сифати диссертатсия беҳтар мегардид.

6. Дар диссестатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

Боиси тазаккур аст, ки эроду тавсияҳои зикргардида, ба андешаи мо, ба аҳаммият ва сатҳи баланди назариявию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқотҳои минбаъда ба инобат гирифта шаванд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар сатҳи баланди илмию амалӣ иҷро шуда, аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дарадаи илмии дархостшаванда

Аз рӯйи ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи диссертант Раҳимзода Ҷурабек Раҳим бармеояд, ки тахассуси илмии ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия, (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва ба талаботи чунин намуди корҳо ҷавобгӯ мебошанд.

9. Интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия

Натиҷаҳои нисбатан муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ баррасӣ ва муҳокима гардида, дар маҷмуъ аз ҷониби муаллифи диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд.

10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсия ва автореферати Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи “Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунанд: ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории

диссертатсия ва автореферати диссертатсия», ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 таҳти №3 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

11. Мувофиқати матни автореферат ба мазмуни диссертатсия

Автореферати кори диссертатсионӣ таркиби асосӣ, навгониҳои илмӣ ва мушаххасоти диссертатсияро тавсиф намуда, интишороти муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо таҳияи муқаррароти назариявию амалӣ ҷиҳати навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт ифода мекунад. Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии кори илмиро пурра ва аниқ инъикос менамояд.

12. Хулосаи умумӣ

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Ҷурабек Раҳим кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши баланди илмӣ доранд, ки ҷанбаҳои назариявию амалии мукаммалгардонии навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт дар марҳилаи муосир мукаммал ва тараққӣ медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи “Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратмаҷлиси №2 аз 17 сентябри соли 2026).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 14 нафар. Натидаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа:
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
молия, фаъолияти бонкӣ ва суғуртаи
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Алимов К.К.**

Ташхисгар:
н.и.и., дотсенти кафедраи молия,
фаъолияти бонкӣ ва суғуртаи
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Ҳалимов Л.М.**

Котиби ҷаласа:
муаллими калони кафедраи молия,
фаъолияти бонкӣ ва суғуртаи
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Одинаев Ҳ.С.**

Имзоҳои Алимов К.К., Ҳалимов Л.М., ва Одинаев Ҳ.С.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон **Пирзода С.С.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроғаи муассиса: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Деҳоти 1/2
Телефон: (+992) 37 234-83-46, E-mail: mail@ddtt.tj